Агар касе аз шумо дар шикамаш чизеро эҳсос кард ва барояш савол пеш омад, ки оё чизе аз ӯ хориҷ шуд ё не? Пас аз масҷид берун нашавад, то ин ки садое шунавад ё бӯе эҳсос кунад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Агар касе аз шумо дар шикамаш чизеро эҳсос кард ва барояш савол пеш омад, ки оё чизе аз ӯ хориҷ шуд ё не? Пас аз масҷид берун нашавад, то ин ки садое шунавад ё бӯе эҳсос кунад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки агар чизе дар шиками намозгузор ҳаракат кард ва барояш муайян нашуд, ки оё чизе аз ӯ хориҷ шудааст ё на, аз намоз хориҷ нашавад ва намозро барои таҳорати нав қатъ накунад, то ин ки мутмаъин шавад, чизе рух дода ва таҳорататашро шикастааст. Яъне, ин ки садое шунавад ё бӯе ҳис кунад, зеро шак яқинро ботил намекунад ва ӯ ба таҳорати худ яқин дорад, аммо дар шикастани таҳорататаш шак дорад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65083

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee